# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна дар мавзӯи «Таҳлили ҳуқуқӣ –ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).**

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ дар шакли терроризми сиёсӣ яке аз роҳҳои ба амалбарорӣ ва тарзу усули бурдани муборизаи сиёсӣ бо истифодаи афкори даҳшатзо ва тарсафканӣ бо роҳи таҳдиду таҷовуз ва зӯроварӣ ҷиҳати бедор кардани тарсу ҳарос, ваҳмангезӣ дар вуҷуди инсонҳо мебошад.

Ҳукумати ҶТ ва мақомоти марбутаи он ҷиҳати мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир намуда, як қатор корҳоро амалӣ мегардонад. «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар ҶТ барои солҳои 2021-2025», ки бо Фармони Президенти ҶТ 1 июни 2021-ум тасдиқ шудааст, ҳамчун ҳуҷҷати муҳими барномавии миллӣ баҳри тақвияти муқовимат бо терроризм ва экстремизм заминаи ҳуқуқӣ дошта, дар доираи он аксари масоил бо назардошти вазъи муқовимат бо ин зуҳурот дар кишвар ва таҷрибаи ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои узви ИДМ пешбинӣ гардидааст.

Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ ва инчунин як қатор омилҳое, ки ҷинояти террористиро ба вуҷуд меоранд, яке аз таҳдидҳои асосӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон номида шудааст. Таҳлили таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ, ҳамчунин таҷрибаи хориҷиии муқовимат бо таркиби ҷинояти тадқиқшаванда нишон медиҳад, ки терроризми сиёсӣ дар шароити муосир аз тарафи ташкилотҳои террористӣ ҳамчун яке аз методҳои муборизаи сиёсӣ истифода мегардад. Дар сатҳи қонунгузорӣ мавҷуд набудани мафҳуми “терроризми сиёсӣ” яке аз камбудиҳои ҷиддӣ мебошад. Дар КҶ ҶТ терроризми сиёсӣ дар шакли таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва арбоби ҷамъиятӣ ифода мегардад.

Бояд қайд кард, ки дар КҶ ҶТ маънидод кардани чунин ҷиноят, ба монанди таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ ба мафҳуми умумии муқарраротҳои дар КҶ ҶТ барои ҷиноятҳои хотимаёфта ва сӯиқасд ба ҷиноят мухолифат мекунад ва он имкон намедиҳад, ки ба тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста аз оқибатҳои рухдодаро муайян намоем. Ҳамзамон дар м. 310 КҶ ҶТ муайян намудани моҳияти мафҳумҳои "таҷовуз", "арбоби давлатии ҶТ" ва "арбоби ҷамъиятии ҶТ", ки дар рафти бандубаст ба мақомоти тафтишотӣ мушкилӣ меоварад, асосноккунии илмӣ талаб мекунад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ-ро ба таври кофӣ таҳлилшуда эътироф намудан мумкин нест, зеро ҳама масъалаҳои алоқаманд ба бандубаст ва таҳлили унсурҳои таркибии ҷинояти мазкур пурра омӯхта нашудаанд ва онҳо то имрӯз мубрам боқӣ монда, таҳлили минбаъдаи илмиро талаб мекунанд. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки то кунун таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ, бандубасти ҷинояти мазкур, фарқияти он аз дигар ҷиноятҳои ба он монанд ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар ҶТ ҷой надорад.

Тадқиқоти. мазкур ба таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар ҳамбастагӣ бо омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи судӣ вобаста ба ҷинояти мазкур, ошкор намудани масоил ва мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта ва коркарди тавсияҳо оид ба ҳалли проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ равона гардидааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиши таърихи ҷинояти пешбининамудаи м. 310 КҶ ҶТ, яъне таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ, унсурҳои таркбии ин ҷиноят яке аз мақсадҳои марказии таҳқиқоти мазкур ба шумор меравад. Бояд зикр намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– таҳқиқи илмию амалии ташаккул ва инкишофи ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон;

– таҳлили қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи давлатҳои ИДМ оид ба ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари самаранокии амалии онҳо ва истифодаи минбаъдаи ин таҷриба дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар;

- таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ;

- таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё а ҷамъиятии ҶТ;

- муайян намудани фарқияти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ аз таркибҳои ба он монанд;

– таҳияи тавсияҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ доир ба мубориза бар зидди ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ.

Унвонҷӯ тавонистааст, ки дар сатҳи рисолаи илмии худ ба мақсадҳои болозикр бирасад.

**Объекти таҳқиқотро** маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил додаанд, ки бинобар сабаби содир намудани ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ (м. 310 КҶ ҶТ) ба вуҷуд меоянд.

**Мавзӯи (предмети)** таҳқиқотро муаллиф дуруст интихоб намудааст, яъне он хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ, ки дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешбинӣ шудааст, инчунин нашрияҳои илмӣ, маълумотҳои оморӣ, маводҳои амалияи татбиқи қонунгузориро фаро мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзӯи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи ҷиноятии кишвар маҳсуб мегардад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аз ҷониби муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин пажӯҳиши мукаммал, ҳаматарафа, сохторӣ-пуррагӣ, таҳлили муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ мувофиқи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва амалияи татбиқи ин ҷиноят ба шумор меравад.

Пешниҳодҳои дар диссертатсия иброзшуда имконият медиҳад, ки меъёри дар м. 310 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда такмил дода шуда, бо ворид кардани иловаҳо ба К ҶТ, фаъолияти мақомотҳои дахлдор дар ин самт ба тартиби ягона муайян карда шавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Дар омода намудани рисолаи илмӣ диссертант аз усулҳои умумиилмии фалсафӣ, усулҳои илмии диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва

шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, дар сатҳи зарурӣ истифода намудааст. Инчунин, дар рафти таҳқиқи мавзӯи мазкур аз усулҳои умумӣ ва махсуси дарки падидаҳои таҳқиқшаванда дар робита бо алоқамандӣ ва вобастагии мутлақ; истифодаи усулҳои умумии таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), инчунин усулҳои махсуси илмӣ: мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

**Асосҳои назариявии.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба проблемаҳои таъини ҷазо ташкил медиҳад. Дар рафти таҳқиқот қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва давлатҳои пасошӯравӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ оид ба масъалҳои таъини ҷазо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар таҳияи рисола, муаллиф ба асарҳои А.И. Сафарзода, А.К. Назаров, А.Х. Имомов, А.Ғ. Холиқов, Д. Назиров, М.М. Муллоев, Н.А. Қудратов, К.Х. Солиев, С.Э. Баҳриддинов Т.Ш. Шарипов, У.А. Азизов, Ф.А. Мирзоахмедов, Х.С. Сафаров, Ш.Х. Ҳафиззода, А.А. Игнатьев, А.В. Седих, А.В. Маликов, А.Г. Мустафазаде, А.Г.  Хлебушкин, А.И. Долгова, А.С. Сотула,  А.Ф. Бантишев, В.М. Геворгян, В.С. Клягин, Г. Виктория,  Е.В. Пономаренко, Е.А. Смирнов, И.Н. Галвина, О.А. Чуваков, О.Ю. Звонарев, С.В. Дяков, С.У. Дикаев, Т. Гумбатов, Э.Ф. Побегайло  ва дигарон такя намудааст, ки заминаи зарурӣ дар коркарди проблемаҳои таҳлили ҳуқуқӣ –ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ доранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукамалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад.

Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия муҳақиқ ба даст овардааст, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, устуворӣ ва эътимоднокии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат истифода шаванд. Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия барои таълими фанҳо дар раванди таълим, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни “Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ”, таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти калон доранд.

Тахқиқоти диссертатсионӣ аз номгуйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 2 боб ва 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян мегардад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар рушд ва такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин такмили амалияи аз ҷониби судҳо ва мақомоти тафтишотӣ татбиқ намудани ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта бошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна дар мавзӯи «Таҳлили ҳуқуқӣ –ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва**
**зиддикоррупсионии Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Қудратов Н.А.**

**«Имзои Қудратов Н.А. - ро**
**тасдиқ мекунам» Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**

«5» 05 2022 с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½ Тел.: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru; http//www.tguk.tj